# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо суръат идома дошта, таъсири рӯзафзуни техникаву технологияи замонаӣ тамоми соҳаҳоро фаро гирифтааст, дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани наврасону ҷавонон мавзӯъест, ки аҳамияти беш аз пешро касб менамояд. Маҳз, ин равандҳо тақозо менамоянд, ки шахсияте тарбия намоем, то дорои маънавиёти зарурӣ буда, таъриху фарҳанги миллиро эҳтиром гузорад ва ватандӯсту ватанпарвар бошад. Аз ин рӯ, имрӯз масъалаи худшиносу ватандӯст тарбия намудани ҷавонон барои ҳар як давлату миллат муҳим гардидааст. Мусаллам аст, ки барои дар рӯҳияи ватандӯстӣ, муҳофизи мероси таърихию фарҳангӣ, арзишҳои милливу умумибашарӣ, худогоҳу худшинос тарбия намудани наврасону ҷавонон беш аз ҳар ниҳоди дигар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ масъул ва саҳмгузор мебошанд.

Муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуровро, ки аз ҷониби педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида мавриди тадқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст, барои тадқиқоти илмӣ интихоб кардааст.

Муҳаққиқ дар раванди тадқиқот масъалаҳои: "тафсири умумии ташаккул ва тарбияи маънавии хонандагон", "тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир" , "таърихи нашри китоби «Тоҷикон», "қисмҳои асар ва мазмуни умумии онҳо", "мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар китоби «Тоҷикон", «Тоҷикон» ва методҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон","восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон", "меъёр ва нишондиҳандаҳои дараҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон"-ро ба риштаи таҳқиқ кашида, аз нигоҳи илмӣ асоснок кардааст. Дар ин замина метод, восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ ва омӯзиши асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуровро муайян карда, барои омӯзгорону муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар пешниҳод намудааст.

Муҳаққиқ дар раванди тадқиқот аз адабиёт ва сарчашмаҳои зиёди илмӣ истифода карда, мазмуни умумии диссертатсияро дар автореферат бо шарҳу тафсири мухтасар ва дастрас баён намудааст. Муҳтавои бобҳо ва бандҳоро тавзеҳ додааст.

Пас аз ошноӣ бо автореферати диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар бораи аҳамият ва қиммати илмиаш метавон чунин гуфт:

- муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ вобаста ба самти таҳқиқот истифода карда, роҳҳои муосир ва мушаххаси омӯзиши асари бунёдии «Тоҷикон» -ро пешниҳод намояд;

- дастгоҳи илмии таҳқиқотро мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика роҳандозӣ намудааст;

- восита ва шеваҳои гуногуни тарбияи ватандӯстии хонандагонро муайян намуда, барои беҳтар шудани ин самт чорабиниҳои мушаххасро пешниҳод кардааст;

- дар асоси таҳлилҳо дараҷаи коркарди мавзуъро аз ҷониби олимон мавриди таҳлил қарор дода, оид ба роҳҳои гуногун ва рушди тарбияи ватандӯстии хонандагон хулоса ва тавсияҳои асоснок пешниҳод намудааст;

- кӯшиш ба харҷ додааст, ки масъаларо вобаста ба имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳлилу баррасӣ намуда, намунаи чорабиниҳои мушахассро ҷиҳати омӯзиши асари «Тоҷикон» ва ба ин васила ташаккули ватандӯстии хонандагон манзури омӯзгорону муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ гардонидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он равшан мегардад, ки аз ҷониби унвонҷӯ, шароити педагогии рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тариқи озмоишҳо асоснок карда шуда, мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ва нишондиҳандаву сатҳҳое, ки тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавсиф мекунанд, муайян, метод, восита ва шаклҳои омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон” равшан ва унсурҳои алоҳидаву ҷузъҳои таркибии тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ карда шуданд. Хамчунин тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамчун сифати муҳими касбии омӯзгорон пешниҳод шуданд.

Восита ва тадбирҳои санҷидаву пешниҳодшуда метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Мундариҷа ва мазмуни асосии тадқиқоти анҷомдодаи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар автореферати диссертатсия инъикос ёфтааст.

Интишороти муаллиф ифодагари нуктаҳои муҳим ва асосии тадқиқоти илмӣ мебошад.

Ҳарчанд автореферат дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, дорои аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ мебошад, дар он хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. Камбудиҳои зикршуда ҳеҷ гоҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намекунад.

Умуман автореферати диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзуи "Тарбияи ватандўстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омўзиши "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рўйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгў буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рўйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
сардори раёсати илм ва инноватсияи
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомўзии кормандони
соҳаи маориф Собиров С. Ф.

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кўчаи Нисор Муҳаммад 15.
Телефон (992 372) 227 63 91; почтаи электронӣ: s.sobirov. dti@mail.ru

Имзои Сафарбек Собировро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода М.